Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқи хусусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Сирри бонкӣ яке аз мафҳумҳои марказии қонунгузории бонкӣ ба ҳисоб рафта, дар байни навъҳои сирҳо он барои рушди иқтисодиёт аҳаммияти калон дорад, зеро, аз як тараф, маҳз низоми молиявӣ барои иқтисодиёт ҳалкунанда буда, аз тарафи дигар, рушди муносибатҳои бозорӣ тақозо менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқии иттилоот дар самти муомилоти маблағҳои пулӣ, аз ҷумла ҳангоми гузаронидани амалиёти бонкӣ таъмин карда шавад. Зеро маҷрои бузурги иттилоот тавассути бонк мегузарад ва он маълумоте мебошад, ки на танҳо ба фаъолияти худи бонк, балки ба фаъолияти муштариёни он низ алоқаманд аст. Муносибатҳои байни муштарӣ ва ташкилоти қарзии молиявие, ки ба ӯ хизмат мерасонад, бо хусусиятҳои фаъолияти бонкӣ хусусияти эътимоднок дорад. Муштарӣ на танҳо ба ташкилоти қарзӣ, инчунин ба маблағҳои худ бовар менамояд, балки эҳтимолан ба он имкон медиҳад, ки маълумотро дар бораи вазъи молиявии худ дастрас намояд. Фош кардани маълумоти бо сирри бонкӣ ҳифзшаванда метавонад ба амният ё эътибори шахси дорои пасандоз ё суратҳисоби бонкӣ дошта таъсири манфӣ расонад.

Низоми сирри бонкӣ ҳудуди дастрасии шахси сеюмро ба маълумоти дорои ин сир, тартиби ба даст овардани чунин маълумот ва ваколатҳои ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба пешниҳоди чунин маълумот муайян менамояд.

Объекти сирри бонкӣ маълумот дар бораи амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариёни он мебошад. Бояд қайд намуд, ки он ба доираи васеи амалиётҳо таъсир мерасонад: аз ҷумла, ҷалби пасандозҳо; додани қарз; пардохт аз номи муштариён; кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои муштариён; харид, фурӯш, нигоҳдорӣ ва идоракунии

коғазҳои қиматнок; кафолати бонкӣ, кафолат ба шахсони сеюм ва дигар амалиёте, ки ба ваколати бонк дахл дорад. Инчунин маълумот дар бораи шахсияти муштариён ва шахсоне, ки дар шартнома бо бонк зикр шудаанд, ҳамчун сирри бонкӣ даниста мешаванд.

Қобили зикр аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иттилоот оид ба амалиёти бонкӣ дар қисми дуюми моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки тибқи он «дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст».

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни молик ё дигар соҳиби қонунии маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, инчунин мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор оид ба пешниҳоди чунин маълумот ба миён меоянд, бо бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми сирри бонкӣ бо сирри тиҷоратӣ зич алоқаманд аст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми сирри тиҷоратӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» пешбинӣ шудааст. Чунончи тибқи моддаи 165 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «қонунгузории маданӣ иттилооти дорои сирри тиҷоратиро ҳимоя менамояд, ба шарте ки он бинобар ба шахсони сеюм маълум набуданаш арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дар асоси қонун барои истифодаи озодона дастрас набошад ва дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он тадбирҳо андешад.

Аз таҳлили чуқур ва баррасии серҷабҳаи масъалаҳои дар автореферат дарҷгардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот низомнок ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи мавҷударо дарбар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии натиҷаоварро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва рушди қонунгузории соҳа пешкаш намудааст, ки созгор мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти

гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст, ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Асарҳои нашршудаи муаллиф, аз ҷумла дар 1 монография, 9 мақолаҳои илмӣ, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд бармеояд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илмҳои ҳуқуқи хусусӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии диссертант дар як қатор конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашри худро ёфтааст, ки ҳолати мазкур гувоҳии инъикоси ҳамаҷонибаи моҳият ва мақсади натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси сарчашмаҳои эътимодноки дохилидавлатӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумла:

1. Дар ҳақиқат автореферати диссертатсия дар худ мазмун ва муҳтавои мушаххаси худи таҳқиқотро ҷой додааст. Дар баробари ин, дар саҳифаи 4-уми автореферат довталаби дараҷаи илмӣ зикр менамояд, ки яке аз механизмҳои таъмини ҳифзи сирри бонкиро маҳз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ташкил менамояд. Бо ин назардошт унвонҷӯ дигар мушаххасан нисбати масъалаи мазкур истода намегузарад. Аз ин хотир аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки дар ҳимояи ошкорои диссертатсия нисбат ба масъалаи мазкур мавқеи мушаххаси худро ифроз намояд.

2. Дар саҳифаи 12 автореферати диссертатсия иттилоотикунонии ҳифзи сирри бонкӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаат. Аммо ба таври мушаххас мазмун ва моҳияти раванди мазкур зикри худро наёфтааст. Ҳолати мазкур водор менамояд, ки унвонҷӯ мавқеи худро нисбат ба раванди иттилоотикунонии ҳифзи сирри бонкӣ муайян намуда бошад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо инъикоскунандаи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокаанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқи хусусӣ»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ноҳияи Деваштич, деҳаи Далёни Поён хонаи 157 «Б»
Тел (+992) 92-111-59-90
Email: mirzokodir-1@mail.ru

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюбро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru

02.06.2026